УДК 657
ББК 65.052.24

## НИЗОМИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ БОНКҲО: ТАКМИЛИ АСОСҲОИ ТАШКИЛИЮ ҲУҚУҚӢ ВА МЕТОДӢ

***Исаев Диловарджон Талисович*** *–старший преподаватель кафедры финансов и кредита, Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими, Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. И.Сомони 226, e-mail: dilovar_isoev@mail.ru*

## СИСТЕМА ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ БАНКОВ: СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ОРГАНИЗАЦИОННО-ПРАВОВОЙ И МЕТОДИЧЕСКОЙ ОСНОВЫ

***Исоев Диловарҷон Талисович*** *–сармуаллими кафедраи молия ва қарз Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ, 226, e-mail: dilovar_isoev@mail.ru.*

## THE FINANCIAL REPORTING SYSTEM OF BANKS: IMPROVEMENT OF ORGANIZATIONAL, LEGAL AND METHODOLOGICAL BASIS

***Isaev Dilovardzhon Talisovich*** *– Senior Lecturer of the Department of Finance and Credit, Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, st. I. Somoni, 226, e-mail: dilovar_isoev@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *низоми баҳисобгирӣ, ҳисоботи молиявӣ, асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ, СБҲМ, стандарти дохилӣ, сифати ҳисоботи молиявӣ, бонк*

*Дар мақола марҳилаҳои таҳияи стандарти дохилӣ доир ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ муайян карда шудааст, ки барои истифодаи муҳосибони бонк ҳангоми таҳияи санадҳои дохилӣ манфиатнок аст. Муаллиф ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони соҳаи муҳосибот ва аудит тавсияҳо оварда, риояи принсипҳои рафтори касбиро дар раванди фаъолияти касбии худ муҳим арзёбӣ намудааст. Қайд карда шудааст, ки дар бонк бояд низоми самараноки назорати сифати ҳисоботи молиявӣ ташкил карда шавад. Инчунин доир ба такмили низоми омода кардани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавсияҳо дода шудааст.*

***Ключевые слова:*** *система учета, финансовая отчетность, организационно-правовая основа, МСФО, внутренний стандарт, качество финансовой отчетности, банк*

*В статье приведены этапы разработки внутреннего стандарта по консолидированной финансовой отчетности, который может быть полезен бухгалтерам банка при подготовке внутренних документов. Автор дает рекомендации по вопросам повышения уровня профессионализма сотрудников сфер бухгалтерского учета и аудита, отмечает важность соблюдения принципов профессионального этики в процессе своей профессиональной деятельности. Отмечается, что в банке должна быть создана эффективная система контроля качества финансовой отчетности. Также даны*

*рекомендации по совершенствованию системы подготовки специалистов в учреждениях высшего профессионального образования.*

***Key words:*** *accounting system, financial reporting, organizational and legal basis, IFRS, internal standard, quality of financial reporting, bank*

*The article describes the stages of development of an internal standard for consolidated financial statements, which may be useful for bank accountants in the preparation of internal documents. The author gave recommendations on increasing the level of professionalism of employees in the fields of accounting and auditing, notes the importance of observing the principles of professional ethics in the course of their professional activities. It is noted that an effective system of financial reporting quality control should be created in the bank. Recommendations were also given on improving the system of training specialists in institutions of higher professional education.*

Ҳисоботи молиявӣ як намуди ҳисоботи корпоративӣ ба ҳисоб рафта, то ҳол муҳимтарин иттилоот барои қабули қарорҳои гуногуни идоравӣ аз ҷониби истифодабарандагони манфиатдор мебошад. Низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо ин маҷмуи шаклҳои ҳисоботҳое, ки дар асоси маълумоти баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ омода гардида, амалиётҳои вобаста ба фаъолияти асосӣ (амалиётӣ), сармоягузорӣ (инвеститсионӣ) ва молиявии ташкилотро барои сана ва давраи муайян дарбар мегиранд. Бонкҳо ҳисоботи молиявии алоҳида ва маҷмуиро мутобиқи талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) таҳия ва пешниҳод мекунанд [9, с.73].

Таҳияи ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ барои ҳамгироии (интегратсияи) иқтисодиёт ба фазои ҷаҳонӣ, расмикунонии иқтисоди пинҳонӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳо, ҷалби сармоягузориҳо, беҳтар намудани сифати идоракунӣ ва зиёд намудани афзалиятҳои рақобатии ташкилот мусоидат менамояд [1, с. 25].

Дар раванди ташаккули ҳисоботи молиявии бонкҳои ватанӣ якчанд мушкилот ва ё омилҳои боздоранда мавчуданд, аз ҷумла: норасогии мутахассисони баландихтисос; нопуррагии ошкорсозии иттилооти молиявӣ; мушкилот дар масъалаҳои муайян кардани арзиши одилонаи дороиҳо ва уҳдадориҳои молиявӣ; сатҳи пасти назорати сифати таҳияи ҳисоботи молиявӣ; норасоии маводҳои методӣ вобаста ба таҳияи сиёсати баҳисобгирӣ ва истифодабарии баъзе СБҲМ [9, с. 74].

Муаммоҳои номбаршуда бештар бо ҷанбаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва методии ташаккули ҳисоботи молиявии бонкҳо вобаста мебошанд. Аз ин ҷо такмили асосҳои меъёрӣ ва методии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявии бонкҳо барои баланд бардоштани сифати иттилооти пешниҳодшаванда, таъмини шаффофияти иттилооти молиявӣ равона карда мешавад. Дар навбати худ иттилооти саҳеҳи молиявӣ барои қабули қарорҳои самараноки идоравӣ мусоидат мекунад [10, с. 30].

Дар адабиёти хориҷии илмӣ доир ба масъалаҳои такмили низоми ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ корҳои зиёди илмӣ нашр карда шудааст, ки хусусияти рушди низоми баҳисобгирии ҳар як давлатро фаро мегирад.

Масъалаҳои такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва методии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисобот, ҷорӣ намудани СБҲМ ва такмили ҳисоботи молиявӣ дар соҳаҳои алоҳида аз ҷониби олимони ватанӣ таҳқиқ карда шудааст. Дар ин самт корҳои илмии Шобеков М. [14], Низомов С.Ф. [14,15], Мирзоалиев А.А. [12,13], Содиқов С.И. [17], Бобоев М.У. [1,2,3,4], Раҳимов С.Х. [16], Давлатов А.А. [7,8] мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуд.

Андешаҳои таҳқиқгарони ватаниро ҷиҳати такмили асосҳои ҳуқуқӣ ва методии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ҷадвали 1 меорем.

Ҷадвали 1.

Андешаҳои таҳқиқгарони ватанӣ доир ба масъалаҳои такмили низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ

| № | Муаллифон | Тавсифи пешниҳоду чорабиниҳо |
|---|---|---|
| 1 | Низомов С.Ф., Шобеков М. [14, с. 220] | Чорабиниҳо барои рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ:<br>“- таъмини талаботи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” ҷиҳати ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби субъектҳои дорои манфиати умум тибқи СБҲМ;<br>- таҳияи стандартҳои содакардашудаи ҳисоботи молиявӣ барои субъектони соҳибкории хурду миёна;<br>- фаъолгардонии иштироки ташкилотҳои ҷамъиятии касбӣ дар рушд ва танзими тахассуси муҳосибӣ;<br>- такмили низоми омода кардан ва баланд бардоштани тахассусмандии кадрҳои муҳосибӣ;<br>- васеъ намудани доираи назорат ба сифати ҳисоботи молиявӣ, ки мутобиқи СБҲМ таҳия шудааст...” |
| 2 | Содиқов С.И. [17, с. 248] | Самтҳои афзалиятноки рушди низоми баҳисобгирӣ ва ҳисобот:<br>“- тайёр кардани кадрҳои муҳосибӣ донандаи СБҲМ;<br>- барои табдилдиҳии ҳисоботи молиявӣ ҷалб намудани мутахассисони ширкатҳои бонуфузи аудиторию машваратдиҳӣ;<br>- ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам дар соҳаи коркарди иттилооти баҳисобгирӣ;<br>- ташкили семинару конференсияҳо дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва менеҷменти молиявӣ; ...”. |
| 3 | Мирзоалиев А.А. [12, с. 199] | “ ..Соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба инноватсияҳо ниёз дорад.<br>Ҷорӣ намудани технологияи блокчейн аксар муаммоҳои соҳаи баҳисобгирии амалиётҳои хоҷагидориро ҳал мекунад. Дар шароити “иқтисоди рақамӣ” ва “иқтисоди донишҳо” имкониятҳои муҳосиб ва аудитор васеъ шуда, доираи салоҳиятҳои онҳо меафзоянд. Вобаста ба ин талаботи кордеҳон зарурияти тайёр кардани муҳосибонро барои ҳалли масъалаҳои мубрами баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит муайян мекунад. Дар макотиби олӣ ҷараёни таълим истифодаи навтарин дастовардҳои илми иқтисод, такмили мунтазами тахассус, инчунин риояи меъёрҳои одоби касбиро тақозо мекунад. “ |
| 4 | Бобоев М.У. [2, с. 260] | Чорабиниҳо доир ба рушди низоми баҳисобгирӣ ва ҳисобот:<br>“.. - такмили муқаррароти қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» бо ворид намудани тағйиру иловаҳо;<br>- баланд бардоштани талабот барои арзёбии салоҳияти касбии сармуҳосибони ташкилотҳо;<br>- рақамикунонии низоми баҳисобгирӣ ва ҳисобот;<br>- баланд бардоштани сатҳи касбии мутахассисон тавассути ташкил ва гузаронидани семинару тренингҳои амалӣ;<br>- такмили ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва шаклҳои ҳисоботи молиявӣ;<br>- рушди баҳисобгирии интегронидашуда, баҳисобгирии стратегӣ |

| № | Муаллифон | Тавсифи пешниҳоду чорабиниҳо |
|---|---|---|
| | | ва ҳисоботи стратегӣ;<br>- ташкили низоми самараноки назорат ва арзёбии сифати таҳияи ҳисоботи молиявӣ.” |
| 5 | Давлатов А.А.<br>[7, с. 19-20] | “.... чораҳои зеринро оид ба татбиқи самараноки СБҲМ дар фаъолияти бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоем:<br>- равшан намудани принсипҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити бозор;<br>- таҳияи дастурҳои методӣ оид ба татбиқи СБҲМ дар бахши бонкӣ; .....<br>- ҳамоҳангсозии меъёрҳои муқаррароти баҳисобгирии муҳосибӣ ва қонунгузории андоз бо мақсади ташаккули модели оптималии муносибатҳои низоми андозбандӣ ва низоми ҳисобдорӣ; ...<br>- тайёркунӣ, бозомузӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ;<br>- гузаронидани фаъолияте, ки ба риояи одоби касбӣ нигаронида шудааст;<br>- ҳамкории байналмилалӣ дар доираи созмонҳои байналмилалии тахассусии касбӣ;<br>- ворид намудани тағйирот ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти бонкиро танзим мекунанд.” |
| 6 | Ғайбуллоева Д.А., Бобоев М.У.<br>[5, с. 131] | Самтҳои асосии рушди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот:<br>“..такмили низоми танзими баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот;<br>- беҳтар намудани инфрасохтори истифодабарии СБҲМ;<br>- истифодаи технологияҳои абрии нигоҳдории маълумот ва технологияи блокчейн;<br>- ташаккул ва пешниҳоди ҳисоботи интегронидашуда;<br>- баланд бардоштани сифати иттилооти ҳисоботи молиявӣ; ....” |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти илмӣ

Аз шарҳи адабиёти илмии ватанӣ вобаста ба рушду такомули низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ маълум гардид, ки аксар андешаҳои таҳқиқгарон ба ҳам мувофиқ мебошанд. Аз тарафи онҳо бештар масъалаҳои омода кардан ва такмили сатҳи тахассусмандии муҳосибон назорати сифати ҳисоботи молиявӣ истифодаи технологияҳои рақамӣ такмили шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ворид намудани тағйирот ба санадҳои меъёрии соҳаи баҳисобгирӣ тавсияву пешниҳод гардидааст.

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, мутахассисони соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит масъалаҳои ташкил ва такмили низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботро таҳқиқ намуда, бо дарназардошти таҷрибаи хориҷа ва таҷрибаи амалии худ самтҳои такмили онро коркард ва пешниҳод намудаанд.

Такя ба адабиёти илмӣ, дар асоси таҳлил ва таҷрибаи амалӣ чорабиниҳои зеринро доир ба такмили асосҳои ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо пешниҳод мекунем (расми 1).

Мазмуни мундариҷаи самтҳои асосии такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва методии ҳисоботи молиявии бонкҳоро баррасӣ мекунем.

1. Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии санадҳои соҳаи танзими самти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ

2. Таҳияи тавсияҳои методӣ доир ба таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ

3. Ба таври доимӣ баланд бардоштани сатҳи касбият ва тахассусмандии кормандони соҳаи ҳисобдорӣ ва аудит, таъмини риояи принсипҳои рафтори касбӣ

4. Дар сомонаи расмии бонк пурра ҷойгир намудани шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ва тавзеҳномаи он, баланд бардоштани имкониятҳои таҳлилии ҳисоботи молиявӣ

5. Ташкили низоми назорати сифати ҳисоботи молиявӣ, беҳтар намудани фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ

6. Такмили низоми омода кардани мутахассисон дар макотиби олӣ

Расми 1. Самтҳои асосии такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

***1. Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии санадҳои соҳаи танзими самти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ.*** Бояд қайд кард, ки дар ин самт корҳои зиёде анҷом дода шудаанд, аммо дар вобастагӣ бо рушди иқтисодиёт, бахши бонкӣ ва низоми баҳисобгирӣ заминаи меъёрию ҳуқуқӣ бояд такмил дода шаванд. Ба андешаи мо, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” ворид намудани тағйиру иловаҳои зерин тавсия карда мешавад:

а) ба моддаи 10-ум як банди алоҳида бо номи объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ворид карда шавад: *ба объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ инҳо дохил мешаванд: дороиҳо, уҳдадориҳо, сармояи худӣ, даромадҳо, хароҷотҳо, амалиёти хоҷагидорӣ.*

б) дар моддаи 17 ба ҷои калимаи “ҳисоботи муҳосибӣ” калимаи *“ҳисоботи молиявӣ”* оварда шавад.

в) ба банди 3-юми моддаи 17 номгӯйи шаклҳои ҳисоботи молиявӣ, ки дар СБҲМ мавҷуд аст илова карда шавад: - Ҳисобот дар бораи ҳолати молиявӣ; - *Ҳисобот дар бораи фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ; - Ҳисобот дар бораи тағйирот дар сармояи худӣ; - Ҳисобот дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ; - Тавзеҳот ба ҳисоботи молиявӣ.*

г) ба моддаи 22 банди зерин илова карда шавад:

- *Ташкилотҳое, ки дорои ҷамъиятҳои фаръӣ мебошанд, вазифадоранд ҳисоботи молиявии маҷмуиро мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва мутобиқи СБҲМ таҳия ва пешниҳод намоянд.*

***2. Таҳияи тавсияҳои методӣ доир ба таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ.*** Омӯзиш ва таҳлили таркиби санадҳои меъёрии дохилии бонкҳо нишон дод, ки стандарт, регламент, тартиб ва ё методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ тибқи СБҲМ дар санадҳои меъёрӣ мавҷуд нест. Аз ин ҷо, бонкҳо бояд мустақилона раванд ва методологияи таҳияи ҳисоботро муайян мекунанд.

Маълум аст ки барои таҳияи ягон санади дохилӣ ягон департамент ва ё шӯъбаи бонк масъул аст. Барои ба танзим даровардани фаъолияти шӯъбаи барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ масъул таҳияи низомнома зарур аст. Сохтори *Низомномаи шӯъбаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ тибқи СБҲМ* чунин қисмҳоро дарбар мегирад: 1. Муқаррароти умумӣ. 2. Мақсаду вазифаҳо. 3. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳо. 4. Масъулияти кормандон. 5. Сохтор ва ташкили кор.

Бо мақсади осон намудани фаъолияти ин шӯъба дар ин самт марҳилаҳои таҳияи стандарти дохилиро бо номи “*Тартиби таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк”* пешниҳод мекунем (расми 2).




Расми 2. Марҳилаҳои таҳияи стандарти дохилӣ “Тартиби таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонк”

*Сарчашма: таҳияи муаллиф*

Марҳилаҳои ва ё алгоритми таҳияи стандарти дохилии тавсияшуда доир ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ то андозае фаъолияти кормандони муҳосиботро дар ин самт осон гардонида, метавонад барои таҳияи дигар санадҳои меъёрии дохилӣ низ истифода гардад.

***3. Ба таври доимӣ баланд бардоштани сатҳи касбият ва тахассусмандии кормандони соҳаи ҳисобдорӣ ва аудит, таъмини риояи принсипҳои рафтори касбӣ.*** Соҳаи баҳисобгирӣ ва аудит сол ба сол рушд ёфта, тағйиротҳои зиёде ҷой доранд, ки бояд мунтазам мавриди омӯзиш қарор дода шаванд ва савияи дониши кормандон баланд бардошта шавад. Аз ин ҷо ба таври доимӣ баланд бардоштани сатҳи касбият ва тахассусмандии на танҳо муҳосибон ва сармуҳосибон, балки директорони молиявӣ, аудиторони дохилӣ, таҳлилгарони молиявӣ зарурат пайдо мешавад.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ барномаҳои махсуси соҳавӣ мавҷуданд, ки кормандони хадамоти муҳосибот, таҳлил ва аудити дохилӣ омӯзонида мешаванд. Ба чунин барномаҳои байналмилалии сертификатсионӣ дохил мешаванд: CPA (Certified Public Accountant), ACCA (the Association of Chartered Certified Accountants), CIPA (Certified International Professional Accountant). Мутахассисони соҳаи баҳисобгирӣ ва аудит тибқи барномаи CIPA курсҳои дарозмуддатро омӯхта, барои гирифтани

сертификати байналмилалӣ имтиҳон месупоранд. Бояд қайд кард, ки аксар кормандони хадамоти муҳосибот ва аудити дохилии бонкҳои ватанӣ соҳиби сертификати CAP мебошанд.

Дар бонкҳо бояд мунтазам саводнокии молиявии саҳомон, кормандони бонк ва мизоҷон он ба роҳ монда шавад. Дар ин самт бештар саводнокии молиявии мизоҷони корпоративӣ тавассути гузаронидани семинару машваратҳо, вебинарҳо, мастер-классҳо доир ба масъалаҳои таҳияи ҳисоботи молиявӣ гузаронида шавад. Дар чунин чорабиниҳо роҳбари ташкилот, муҳосибон ва соҳибкорони инфиродӣ бояд ширкат меварзанд. Маврид ба зикр аст, ки баъзе бонкҳои ватанӣ, ба монанди ҶСК "Алиф Бонк" мунтазам бо саводнокии молиявӣ машғул аст.

Дар сатҳи байналмилалӣ аз тарафи Федератсияи байналмилалии муҳосибон Кодекси этикаи муҳосибони касбӣ қабул карда шудааст. Дар раванди фаъолияти худ муҳосибон принсипҳои асосии зерини касбиро бояд риоя кунанд: (a) ростқавлӣ (Integrity); (b) холисона (Objectivity); (c) салоҳияти касбӣ ва диққати зарурӣ (Professional competence and due care); (d) махфият (Confidentiality); (e) рафтори касбӣ (Professional behavior) [18]. Риояи принсипҳои рафтори касбӣ аз тарафи муҳосибон барои пешбурди самараноки баҳисобгирӣ ва таъмини саҳеҳияти ҳисоботи молиявӣ мусоидат мекунад.

***4. Дар сомонаи расмии бонк пурра ҷойгир намудани шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ва тавзеҳномаи он,* баланд бардоштани имкониятҳои таҳлилии ҳисоботи молиявӣ.** Дар натиҷаи таҳқиқот маълум шуд, ки ба таври пурра аз тарафи бонкҳо шаклҳои ҳисоботи молиявӣ ва тавзеҳномаи он ба сомонаи расмии бонк ҷойгир карда намешавад. Аммо баъзе бонкҳо шаклҳои ҳисоботи молиявиро пурра ба сомонаи худ ҷойгир мекунанд, инчунин маълумот дар бораи меъёрҳои мақбул низ пешниҳод карда мешавад.

Дастрас будани нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявии бонкҳо талаботи ошкоро будани иттилоотро (transparency of information) таъмин намуда, барои таҳлил ва муқоиса заминаи хубе мегузорад.

Аз соли 2020 инҷониб дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон (БМТ) нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ (дороиҳо, уҳдадориҳо, сармояи тавозунӣ, коэффитсиентҳои нисбӣ ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ) дар намуди файли MS Excel ҳар семоҳа нашр мешавад [6]. Ин нишондиҳандаҳо барои таҳқиқгарон ва таҳлилгарон маълумоти муфид маҳсуб ёфта, барои баҳодиҳии фаъолияти бонкҳо ва таҳлили муқоисавӣ истифода мешавад.

Ба андешаи мо, таркиби нишондиҳандаҳои молиявиро тавассути дохил намудани нишондиҳандаҳои мутлақ ва индикаторҳои молиявӣ бояд зиёд гардонд, ки барои гузаронидани бенчмаркинг ва муайян кардани рейтинги бонкҳо истифода бурдан имкон дорад.

**5. Ташкили низоми назорати сифати ҳисоботи молиявӣ, беҳтар намудани фаъолияти хадамоти аудити дохилӣ.** Сифати ҳисоботи молиявӣ ин мутобиқат ба талаботҳо ва зарурият барои мақсадҳои муайянро мефаҳмонад. Сармоягузорон дар асоси ҳисоботи молиявӣ ба ҳолати молиявии ташкилот баҳо дода, хавфҳои молиявиро муайян карда, доир ба сармоягузорӣ қарор қабул мекунанд [11, с. 62].

Аз ин ҷо, низоми самараноки назорати сифати ҳисоботи молиявӣ бояд ташкил карда шавад, ки яке аз самтҳои он ин сари вақт муайян кардани хатогиҳо ва баҳодиҳӣ ба сифати ҳисобот мебошад. Баҳодиҳӣ ба сифати ҳисоботи молиявӣ яке аз масъалаи муҳими низоми баҳисобгирӣ мебошад, истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ ва дар ин замина таҳия ва коркарди усулҳои баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатии иттилооти ҳисоботи молиявӣ барои ташкилотҳои соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ зарурат дорад.

Ҳар як бонк хадамоти аудити дохилӣ дорад, ки мақсади он таъмини риояи қонунгузорӣ ва фаъолияти самараноки бонк мебошад. Дар низоми бонкӣ аудиторони дохилӣ асосан бо баҳодиҳии низоми назорати дохилӣ, беҳтаркунии бизнес-равандҳо,

идоракунии хавфҳо, баҳодиҳӣ ба пешбурди баҳисобгирӣ ва сифати идоракунӣ, машваратдиҳӣ ба роҳбарият ва менеҷерон машғуланд.

Аудиторони дохилӣ дар раванди фаъолияти худ ба пешбурди дурусти низоми баҳисобгирӣ, риояи сиёсати баҳисобгирии бонк, риояи талаботи СБҲМ ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ, сифати ҳисоботи молиявӣ баҳогузорӣ менамоянд. Вобаста ба ин аудиторон методологияи муайянро таҳия кунанд, ки аз барномаҳо ва расмиёти аниқи аудиторӣ иборатанд. Инчунин аудиторон бояд дорои сатҳи баланди касбият дошта бошанд ва ба таври доимӣ савияи дониши худро баланд бардоранд.

**6. Такмили низоми омода кардани мутахассисон дар макотиби олии кишвар.** Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар самти омода кардани мутахассисони соҳаи молия ва ҳисобдорӣ мазмуну мундариҷаи фанҳои тахассусӣ ва методикаи таълими фанҳо бояд такмил дода шавад. Дар фанҳои баҳисобгирии муҳосибӣ раванди таҳияи ҳисоботи молиявӣ омӯзонида мешавад, аммо мисолу масъалаҳои хусусияти амалӣ дошта камтар истифода мешаванд. Ҳамин тавр, ба нақшаи таълим ворид намудани фанҳои тахассусӣ бо номи “Таҳия ва таҳлили ҳисоботи молиявӣ”, “Ҳисоботи молиявии бонкҳо”, “Таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ” мувофиқи мақсад аст.

Ба андешаи мо, фанҳои тавсияшуда барои пайдо кардани салоҳиятҳои касбии мутахассис таваccути ба даст овардани дониши назариявӣ, омӯзонидани хусусиятҳои истифодабарии СБҲМ, малакаи ташаккули мулоҳизаи касбӣ ва таҳия намудани ҳисоботи молиявии бонкҳо ба андозае мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар донишгоҳу донишкадаҳо раванди таълим на он қадар барои ташаккули салоҳиятнокии касбии мутахассис равона карда шудааст ва дар ин самт бояд корҳои муайян анҷом дода шаванд. Инчунин раванди тайёр кардани кадрҳо ва ҷалби мутахассисон ба бонкҳо низ бо назардошти талаботи замона бояд таҷдиди назар шавад.

Ба ҳамин тариқ, такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо якчанд самту чорабиниҳоро дарбар мегирад, ки истифода ва амалисозии онҳо барои рушди фаъолияти бонкӣ, низоми баҳисобгирӣ ва ҳисобот зарурат дорад.

## АДАБИЁТ


1. Бобоев, М.У. Гузариш ба СБҲМ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.У. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 5. – С. 20-27.
2. Бобоев, М.У. Реформирование системы бухгалтерского учета по МСФО в Республике Таджикистан / М.У. Бобоев // Endless Light in Science. – 2023. – № 1-1. – С. 257-261. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-257-261.
3. Бобоев, М.У. Стандарты финансовой отчетности в государственном секторе Республики Таджикистан: современное состояние, проблемы, перспективы развития / М.У. Бобоев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2017. – № 1-4(49). – С. 280-286.
4. Бобоев, М.У. Управленческий учет на предприятиях легкой промышленности Республики Таджикистан: специальность 08.00.12 "Бухгалтерский учет, статистика": диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Бобоев Мирзохаёт Усмонович. – Москва, 2009. – 182 с.
5. Бобоев, М.У., Ғайбуллоева, Д.А. Баҳисобгирии молиявӣ ҳамчун манбаи иттилоотии низоми менеҷменти молиявӣ // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2021. – № 1(44). – С. 125-135.
6. Бонки миллии Тоҷикистон / Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо // https://nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/finance_bank_pokazatel.php (санаи дастрасӣ: 15.04.2023)
7. Давлатов, А.А. Инкишофи назария ва амалияи ошкорсозӣ ва пешниҳоди маълумоти молиявӣ дар соҳаи бонкӣ: автореферати диссертатсияи барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D05080100 – Баҳисобгирии муҳосибӣ,

аудит / Душанбе, 2023. - 29 с. https://tnu.tj/avtorefi/avtorefDavlatovAA.pdf (санаи дастрасӣ: 10.06.2023)
8. Давлатов, А.А. Учетная политика банков: вопросы совершенствования в условиях инновации / А.А. Давлатов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 4(29). – С. 193-199.
9. Исаев, Д.Т. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули ҳисоботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир / Д.Т. Исаев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 2-2(47). – С. 68-76.
10. Исоев Д.Т. Танзими меъёрии ташаккули ҳисоботи молиявии ташкилотҳои қарзӣ / Д.Т. Исоев // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир / Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (ш. Душанбе, 28 марти соли 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 30-32.
11. Исоев, Д.Т. Доир ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати ҳисоботи молиявӣ / М.У. Бобоев, Д.Т. Исоев // Экономика, финансы, учет, анализ и аудит: стратегические приоритеты развития в условиях цифровой экономики: материалы международной научно-практической конференции посвященной 80-летию Заслуженного деятеля науки и техники Республики Таджикистан, доктора экономических наук, профессора Уракова Д.У, Душанбе, 21–23 мая 2022 года (Часть 2). – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2022. – С. 60-64.
12. Мирзоалиев, А.А. Бухгалтерский учет в эпоху цифровизации: перспективы и реалии / А.А. Мирзоалиев // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2020. – № 3(30). – С. 195-200.
13. Мирзоалиев, А.А. Оценка состояния и перспективы совершенствования бухгалтерского учета в Республики Таджикистан / А.А. Мирзоалиев // Современные направления теории и практики экономического анализа, бухгалтерского учёта, финансового менеджмента: Сборник материалов международной научной конференции, Новосибирск, 05–06 декабря 2017 года / Под редакцией Е.Н. Лищук, Е.И. Лерненко, Е.С. Еременко, В.А. Суровцевой, М.К. Чернякова, Л.П. Наговициной. Том Часть 1. – Новосибирск: Сибирский университет потребительской кооперации, 2017. – С. 126-132.
14. Низомов, С.Ф. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления / С.Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. – № 2-1(9). – С. 216-221.
15. Низомов, С.Ф. Реформа бухгалтерского учета в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы развития / С.Ф. Низомов // Аудит и финансовый анализ. – 2010. – № 2. – С. 73-76.
16. Рахимов, С.Х. Учетная политика на предприятиях туристической отрасли для целей бухгалтерского учета / С.Х. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 8. – С. 22-28.
17. Садыков, С.И. Проблемы внедрения МСФО и привлечения инвестиций в авиакомпании / С.И. Садыков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. – № 2-1(9). – С. 246-249.
18. Handbook contains the entire Code of Ethics for Professional Accountants // https://www.ethicsboard.org/publications/2015-handbook-code-ethics-professional-accountants-26

## LITERATURE

1. Boboev, M.U. Transition to IFRS and development of the accounting system in the Republic of Tajikistan / M.U. Boboev // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. - 2022. - No. 5. - P. 20-27.
2. Boboev, M.U. Reforming the accounting system according to IFRS in the Republic of Tajikistan / M.U. Boboev // Endless Light in Science. - 2023. - No. 1-1. - P. 257-261. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-257-261.
3. Boboev, M.U. Financial reporting standards in the public sector of the Republic of Tajikistan: current state, problems, development prospects / M.U. Boboev // Bulletin of the Bokhtar State University named after Nosir Khusrav. Humanities and Economics Series. - 2017. - No. 1-4 (49). - P. 280-286.

4. Boboev, M.U. Management accounting at light industry enterprises of the Republic of Tajikistan: specialty 08.00.12 "Accounting, statistics": dissertation for the degree of candidate of economic sciences / Boboev Mirzokhayot Usmonovich. - Moscow, 2009. - 182 p.
5. . Boboev, M.U., Ghaibulloeva, D.A. Financial accounting as an information source of the financial management system // Vestnik Teknologicheskogo universiteta Tajikistan. – 2021. – No. 1(44). - P. 125-135.
6. National Bank of Tajikistan / Financial indicators of banks // https://nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/finance_bank_pokazatel.php (access date: 15.04.2023)
7. Davlatov, A.A. Development of the theory and practice of disclosure and presentation of financial information in the banking sector: abstract of the dissertation for obtaining the scientific degree of Doctor of Philosophy (PhD), doctor by specialty 6D05080100 - Accounting, auditing / Dushanbe, 2023. - 29 p. https://tnu.tj/avtorefi/avtorefDavlatovAA.pdf (access date: 10.06.2023)
8. Davlatov, A.A. Accounting policy of banks: issues of improvement in terms of innovation / A.A. Davlatov // Bulletin of the Tajik State University of Commerce. - 2019. - No. 4 (29). – P. 193-199.
9. Isaev, D.T. Theoretical aspects of the formation of financial statements of commercial banks in modern conditions / D.T. Isaev // Bulletin of the Tajik State University of Commerce. - 2023. - No. 2-2(47). - P. 68-76.
10. Isoev D.T. Regulatory regulation of the formation of financial statements of credit organizations / D.T. Isoev // Critical issues of accounting, analysis and auditing in modern conditions / Materials of the republican scientific-practical conference (Dushanbe, March 28, 2023). - Dushanbe: DBSST, 2023. - P. 30-32.
11. Isoev, D.T. On issues of improving the quality of financial reporting / M.U. Babaev, D.T. Isoev // Economy, finance, accounting, analysis and audit: strategic priorities of development in the conditions of digital economy: materials of the international scientific and practical conference devoted to the 80th anniversary of the Honored Scientific and Technical Worker of the Republic of Tajikistan, Doctor of Economic Sciences, Professor D.U. Urakova, Dushanbe , May 21-23, 2022 (Part 2). - Dushanbe: Tajik National University, 2022. - P. 60-64.
12. Mirzoaliev, A.A. Accounting in the era of digitalization: prospects and realities / A.A. Mirzoaliev // Proceedings of the Issyk-Kul Forum of Accountants and Auditors of Central Asian Countries. - 2020. - No. 3 (30). - P. 195-200.
13. Mirzoaliev, A.A. Assessment of the state and prospects for improving accounting in the Republic of Tajikistan / A.A. Mirzoaliev // Modern trends in the theory and practice of economic analysis, accounting, financial management: Collection of materials of the international scientific conference, Novosibirsk, December 05–06, 2017 / Edited by E.N. Lishchuk, E.I. Lernenko, E.S. Eremenko, V.A. Surovtseva, M.K. Chernyakova, L.P. Nagovitsina. Volume Part 1. - Novosibirsk: Siberian University of Consumer Cooperation, 2017. - P. 126-132.
14. Nizomov S.F. Problems of implementing IFRS in Tajikistan and ways to overcome them / S.F. Nizomov, M. Shobekov // Proceedings of the Issyk-Kul Forum of Accountants and Auditors of Central Asian Countries. - 2015. - No. 2-1(9). - P. 216-221.
15. Nizomov S.F. Accounting reform in the Republic of Tajikistan: problems and development prospects / S.F. Nizomov // Audit and financial analysis. - 2010. - No. 2. - P. 73-76.
16. Rakhimov S.Kh. Accounting policy at the enterprises of the tourism industry for accounting purposes / S.Kh. Rakhimov // Bulletin of the Tajik National University. Series of socio-economic and social sciences. - 2020. - No. 8. - P. 22-28.
17. Sadykov, S.I. Problems of implementing IFRS and attracting investments in airlines / S.I. Sadykov // Proceedings of the Issyk-Kul Forum of Accountants and Auditors of Central Asian Countries. - 2015. - No. 2-1(9). – P. 246-249.
18. Handbook contains the entire Code of Ethics for Professional Accountants // https://www.ethicsboard.org/publications/2015-handbook-code-ethics-professional-accountants-26